Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 1 июни соли 2024, № 339
тасдиқ гардидааст

# Барномаи барқарорсозӣ ва реинтеграциsияи шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ё террористӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2028

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Барномаи барқарорсозӣ ва реинтеграциsияи шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ва террористӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2028 (минбаъд - Барнома) ҷиҳати амалӣ намудани Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми июни соли 2021, № 187 тасдиқ шудааст ва бо мақсади муттаҳид намудани тадбирҳои мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ барои ҳамоҳангсозӣ ва фаъолгардонии кӯшишҳо, мушаххас намудани низоми барқарорсозӣ ва реинтеграциsияи шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ё террористӣ, бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ягонаи чунин шахсон, таъмини ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии шаҳрвандон дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон, қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба барқарорсозӣ ва реинтеграциsияи шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ва террористӣ равонагардида таҳия шудааст.

2. Барномаи мазкур ба идомаи раванди барқарорсозӣ ва реинтеграциsияи шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ва террористӣ, таъмини самаранокӣ ва ҳадафрас будани тадбирҳои мувофиқашудаи мақомоти давлатии масъул, аз ҷумла мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот бо иштироки фаъолонаи ҳамаи субъектҳои муайяншуда, мукаммал намудани низоми барқарорсозӣ ва реинтеграциsияи шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ва террористӣ, пешгирии такроран содир шудани ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои хусусияти экстремистӣ ва террористидошта, ҳифзи воқеии ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон, таъмини амният ва тартибот дар ҷомеа нигаронида шудааст.

3. Барномаи мазкур баробарҳуқуқии шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ва террористиро таъмин намуда, барои роҳандозии фаъолияти самарабахшу ҳамоҳангшудаи вазорату идораҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ замина мегузорад.

4. Амали Барномаи мазкур нисбати шахсони зерин татбиқ карда мешавад:

- шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсони бешаҳрванд, ки дар воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ, задухӯрдҳои мусаллаҳона ё амалиёти ҷангӣ дар ҳудуди дигар давлатҳо иштирок намудаанд ва ихтиёран аз иштироки минбаъда дар ин задухӯрдҳо даст кашида, ба Ватан баргаштаанд;

- аъзои оилаи шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ва террористӣ, ки аз минтақаҳои ҷангзада ба Ватан баргардонида шудаанд;

- шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсони бешаҳрванд, ки бо татбиқи эзоҳи моддаҳои дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ ва террористидошта аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод шудаанд;

- шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсони бешаҳрванд, ки бо татбиқи санади авф барои иштирок дар фаъолияти ташкилоти экстремистӣ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бе адои ҷазо озод шуда, парвандаҳои ҷиноятӣ ва маводи санҷиш нисбати онҳо қатъ ва ё рад карда шудааст;

- шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсони бешаҳрванд, ки барои содир кардани ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ ва террористидошта маҳкум шуда, бинобар ба охир расидани мӯҳлати адои ҷазо ва ё татбиқи санади авф аз муассисаҳои ислоҳӣ озод шудаанд;

- шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои содир кардани ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ ва террористидошта дар дигар кишварҳо маҳкум гардида, баъди адо намудани ҷазо дар муассисаҳои ислоҳии дигар кишварҳо ба озодӣ баромада, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон баргаштаанд;

- шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ноболиғон, ки дар хориҷи мамлакат ғайрирасмӣ таҳсилоти динӣ гирифта, ба Ватан баргардонида шудаанд.

## 2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ УМУМӢ

5. Дар шароити кунунӣ ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таъмини амнияти миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ, инчунин муқовимат ба тундгароӣ, экстремизм ва терроризм аҳаммияти хоса пайдо намуданд.

6. Низоъҳои хомӯшнашавандаи мусаллаҳона, пайдоиши нуқтаҳои нави ҷанг дар гӯшаҳои гуногуни дунё ва дар ин замина авҷ гирифтани рӯҳияи ифротгароӣ таҳдидҳоро ба амнияти кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиш медиҳанд. Дар баробари ин, интиқоли ҷангҷӯён - террористҳо аз давлатҳои Ироқу Сурия ба дигар минтақаҳо ва дар ин замина мустаҳкам шудани мавқеи созмонҳои террористию экстремистӣ, инчунин вазъияти мураккаб дар Афғонистон барои кишварҳои Осиёи Марказӣ хатар эҷод менамоянд.

7. Дар баробари ин, созмонҳои экстремистию террористӣ ҷиҳати ба сафҳои худ ҷалб намудани ҷавонон, аз ҷумла тавассути ҷустуҷӯи аъзои нав дар шабакаҳои иҷтимоӣ фаъолияти густурдаи ташвиқотию тарғиботиро ба роҳ мондаанд.

8. Бо мақсади пешгирӣ ва таъқиби ҷиноятии ҳолатҳои сафар кардани шаҳрвандони Тоҷикистон ба кишварҳои ҷангзада, ҷиҳати иштирок дар задухӯрдҳои мусаллаҳона ба сифати ҷангҷӯй-террористи хориҷӣ, соли 2015 ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон иловаҳо ворид карда шуданд. Тибқи ин иловаҳо шахсони дар боло номбаршуда бо шарти ихтиёран дасткашӣ аз иштироки минбаъда дар ин задухӯрдҳо то анҷом ёфтани онҳо, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешаванд, ки ин барои онҳо имкони ба Ватан баргаштанро фароҳам овард.

9. Аз соли 2015 то инҷониб аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар нисбати теъдоди муайян эзоҳҳои моддаҳои дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ шуда, шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод шудаанд.

10. Бо татбиқи санади авф як зумра шахсони ҷонибдори ақидаҳои ифротӣ барои иштирок дар фаъолияти ташкилотҳои экстремистӣ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод шуда, парвандаҳои ҷиноятӣ нисбати онҳо қатъ ва ё бо маводи санҷиш нисбаташон аз оғози парвандаи ҷиноятӣ рад карда шудааст. Ҳамзамон, қисми зиёди афроди дорои гузаштаи экстремистӣ аз муассисаҳои ислоҳӣ бинобар ба охир расидани мӯҳлати адои ҷазо ва ё пеш аз мӯҳлат бо татбиқи санади авф озод шуда, айни ҳол дар манотиқи гуногуни кишвар умр ба сар мебаранд.

11. Гурӯҳи дигари шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои содир кардани ҷиноятҳои экстремистӣ ва террористӣ дар дигар кишварҳо маҳкум гардида, баъди адо намудани ҷазо аз муассисаҳои ислоҳӣ ба озодӣ баромада, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон баргаштаанд.

12. Бо мақсади баргардонидани занону кӯдаконе, ки дар муқовиматҳои мусаллаҳона дар кишварҳои ҷангзада қарор доранд, 18 декабри соли 2021 Нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати баргардонидани занону кӯдакон аз давлати Сурия аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.

13. Дар рафти роҳандозӣ намудани чорабиниҳои муштарак ва иқдомҳои пешгирифтаи Роҳбарияти олии кишвар аз соли 2019 то инҷониб зиёда аз 380 нафар занону кӯдакони аъзои ташкилотҳои экстремистӣ ва террористӣ аз Ироқ ва Сурия баргардонида шуданд.

14. Барқарорсозии тиббӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, равонӣ ва педагогии кӯдакону наврасони аз Ҷумҳурии Ироқу Сурия ба Ватан баргардонидашуда аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдори давлатӣ дар асоси барномаи махсуси таълимию тарбиявӣ ва ҷиҳати ба ҳаёти муқаррарӣ мутобиқ сохтани онҳо дар ин давра ба роҳ монда шудааст.

15. Дар заминаи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стратегияву барномаҳои соҳавӣ андешидани тадбирҳои муассири мувофиқашуда ҷиҳати пешгирӣ ва муқовимат ба ақидаҳои экстремистӣ, пайгирӣ аз таъсиррасонии унсурҳои ифротгаро ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, бахусус занон ва ҷавонон, инчунин барқарорсозӣ ва реинтеграциsияи шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ва террористӣ барои Тоҷикистон аз ҷумлаи вазифаҳои афзалиятнок маҳсуб меёбад.

16. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоиди ҳуқуқӣ ҷиҳати муқовимат ба экстремизм ва терроризм ташаккул дода шуда, барномарезии маҷмӯӣ ва мукаммали давлатӣ дар ин самт ба роҳ монда шудааст.

## 3. ШАРҲИ МУХТАСАРИ ВАЗЪИЯТ

17. Бинобар сабаби ба тозагӣ пайдо шудани масъалаи шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ва террористӣ, бисёр кишварҳои олам, аз ҷумла кишварҳои Осиёи Марказӣ дар таъмини имкониятҳои сохторӣ вобаста ба реинтеграциsия ва барқаросозии онҳо бо душвориҳо дучор гардиданд.

18. Донишҳои маҳдуд ва дарки ҳанӯз нокифояи эҳтиёҷоти хоси занон ва кӯдакони шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ва террористӣ барои сохторҳое, ки ба корбарӣ бо онҳо сафарбар шудаанд, мушкилиҳоро ба миён овардаанд.

19. Барои амалишавии Барнома кӯшишҳои якҷояи мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва созмонҳои байналмилалӣ зарур аст. Расидан ба ин ҳадаф маънои созмон додани қолабҳои ҳуқуқию сиёсиеро дорад, ки вазифа ва уҳдадориҳои субъектҳои мухталифро шарҳу равшан карда, дар доираи онҳо амал намоянд.

20. Дар баробари мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки дар барқарорсозӣ ва реинтеграциsияи шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ва террористӣ ширкат мекунанд, ин масъала саҳмгузории дигар бахшҳои давлатӣ, аз ҷумла соҳаи тиб, маориф, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, занон, ҷавонон, ходимони дин ва дигар субъектонро низ тақозо менамояд.

21. Қабл аз иҷрои чорабиниҳо ҷиҳати баланд бардоштани огоҳмандии аҳолӣ аз ҳадафҳо ва афзалиятҳои Барномаи мазкур, сохторҳои масъул бояд шароит ва ҳолати мавҷударо дар ҷомеаҳои қабулкунанда омӯхта, ташвишу нигарониҳо, изтироб, хавфу бим, нобоварӣ ва дигар падидаҳоеро, ки метавонанд ба амалисозии Барнома монеа эҷод намоянд, муайян кунанд.

22. Воситаи муҳимми тақвияти огоҳмандии аҳолӣ доир ба масъалаҳои мазкур шабакаҳои иҷтимоӣ мебошанд. Онҳо ба субъектони Барнома дастрасиро ба доираҳои васеъ таъмин намуда, имкони дар байни мақомоти давлатӣ ва аҳолӣ барқарорсозии робитаи мустақимро дар реҷаи вақти воқеӣ медиҳанд.

23. Ба ғайр аз мубодилаи иттилоот ва баланд бардоштани огоҳмандӣ шабакаҳои иҷтимоӣ барои мубоҳисаҳои ҳамаҷониба доир ба масъалаҳои барқарорсозӣ ва аз нав ба ҷамъият воридшавии шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ва террористӣ, ба самъи аҳолӣ расонидани иттилооти зарурӣ, аз байн бурдани ҳар гуна овоза ва ақидаҳои беасос, шикастани қолабҳо, посух додан ба саволҳо ва мушкилиҳо имконияти хуб фароҳам меоранд.

24. Таҷриба нишон медиҳад, ки шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун воситаи хеле арзон ва фаврии муоширати нисбат ба воситаҳои ахбори оммаи анъанавӣ бартарӣ доранд.

25. Дар бисёр минтақаҳои Тоҷикистон воситаи нисбатан маъмули алоқа - ин мубодилаи шифоҳии иттилоот байни сокинон мебошад. Бояд дар назар дошт, ки дар шароити маҳал баъзан барномаҳои телевизионию радиоӣ бо иштироки ашхоси обрӯманди маҳаллӣ (фаъолон) метавонад аз алоқаи онлайн бештар манфиатбахш бошанд.

26. Шахсони обрӯманд ва фаъолони маҳаллӣ аз зумраи ашхоси бонуфуз буда, метавонанд ба алоқаҳои стратегӣ ҷалб карда шаванд. Ташкилотҳои занон ва занони алоҳидае, ки қаблан дар реинтеграциsия ва барқаросозии шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ва террористӣ, аз ҷумла дар пешгирии экстремизм дар ҷомеа ва оилаҳои худ иштирок намудаанд, метавонанд дар амалисозии Барнома кумак расонанд.

27. Шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ва террористӣ низ метавонанд ихтиёран дар баланд бардоштани огоҳмандии аҳолӣ аз оқибатҳои фалокатбори экстремизм ва терроризм, бо истифода аз таҷрибаи худ иштирок намоянд, ки он бешубҳа таъсири тадбирҳои пешгирикунандаро пурзӯр хоҳад кард.

28. Алоқа дар бораи моҳияти барқарорсозӣ ва реинтеграциsияи шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ва террористӣ, фаҳмонидани сабабҳои бозгардонии шаҳрвандон аз минтақаҳои ҷангзада, ба онҳо расонидани кумак аз ҷониби давлат, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва созмонҳои байналмилалӣ ҷиҳати барқарор намудани шароитҳои зист, зарурати кумаку дастгирии онҳо аз ҷониби ҷомеа, оилаҳо, ташкилотҳо ва ашхоси алоҳида ҳамчун воситаи мусоидат дар ташаккули ҷомеаи босубот ва осуда бояд ҳамчун ҷузъи нақшаи маҷмӯи иҷрои Барнома эътироф ва амалӣ карда шавад.

29. Мавҷуд набудани алоқаҳои дахлдор дар байни сохторҳои давлатӣ ва гурӯҳҳои ҷомеаи қабулкунанда ба реинтеграциsияи самараноки шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ва террористӣ монеа шуда метавонад.

30. Бо мақсади амалӣ шудани Барнома дар назди раисони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо гурӯҳҳои машваратӣ оид ба барқарорсозӣ ва реинтеграциsияи шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ва террористӣ созмон дода мешаванд, ки онҳо дар қатори дигар вазорату идораҳо барои иҷрои Барнома дар сатҳи маҳал масъул мебошанд.

31. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар ва сохторҳои пешбарандаи фаъолияти оперативию ҷустуҷӯйии онҳо дар доираи ваколатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба барқарорсозӣ ва реинтеграциsияи шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ва террористӣ тадбирҳои доимиро амалӣ менамоянд.

32. Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба роҳ мондани ҳамкорӣ дар самти муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати расонидани кумак ва расонидани

иттилоот оид ба Барномаи мазкур ба маҳкумшудагоне, ки аз адои ҷазо озод карда шудаанд, инчунин ба фаъолияти гурӯҳҳои машваратӣ мусоидати бевосита менамоянд.

33. Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, прокурорҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва прокурори назорати иҷрои қонунҳо дар муассисаҳои ислоҳӣ дар иҷрои Барнома ба таври доимӣ ба гурӯҳҳои машварати назди раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ёрии амалӣ расонида, иҷрои Барномаро пайгирӣ ва ҳамоҳанг сохта, рӯйхати шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ва террористӣ, инчунин мавриди реинтегратсия ва барқарорсозӣ қароргирифтаро тартиб медиҳанд.

## 4. ҲАДАФ ВА ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ БАРНОМА

34. Ҳадафи Барнома - ин амалисозии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пешгирии ақидаҳои ифротӣ ва террористӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, баланд бардоштани сатҳи маълумотнокӣ ва таҳаммулпазирии ҷомеа нисбати шахсони барқароршаванда, ташаккули низоми созандаи муносибатҳо, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ва террористӣ, солимгардонии тиббӣ ва равонии онҳо, ба таҳсилу касбомӯзӣ фаро гирифтанашон, инчунин фаъолгардонӣ ва ба низом даровардани кӯшишҳо ва тадбирҳои аз ҷониби иштироккунандагони Барнома қабулшуда маҳсуб меёбад.

35. Вазифаҳои асосии Барнома:

- мусоидат ба амалисозии сиёсати давлатӣ оид ба барқарорсозӣ ва реинтегратсияи шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ва террористӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ҷоннок гардонидани фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои давлатии дахлдор дар самти мазкур;

- ҳамоҳангсозӣ ва ба низом даровардани фаъолияти сохторҳои давлатию ҷамъиятӣ дар ин самт;

- баланд бардоштани масъулият ва ташаббускории шахсони мансабдор ва кормандони масъули иҷрокунандагони Барнома ва такмили моҳияти фаъолияти сохторӣ дар ин самт;

- мукаммал гардонидани мазмуни чорабиниҳои ташкилӣ, иттилоотӣ, маърифатӣ, иҷтимоию иқтисодӣ оид ба барқарорсозӣ ва реинтегратсияи шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ва террористӣ;

- ба таври васеъ ҷалб ва истифода намудани имкониятҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар раванди барқарорсозӣ ва реинтегратсияи шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ва террористӣ;

- таҳти назорати доимӣ қарор додани раванди барқарорсозӣ ва реинтегратсияи шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ва террористӣ, роҳандозӣ намудани тадбирҳои доимии пешгирикунанда ва фаврӣ, хусусан дар минтақаҳои осебпазири кишвар;

- тақвияти бахшидани чорабиниҳои таблиғотӣ дар воситаҳои ахбори омма, Интернет ва миёни аҳолӣ ҷиҳати иттилоотонӣ аз амалишавии Барномаи мазкур;

- мониторинги раванди барқарорсозӣ ва реинтегратсияи шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ва террористӣ.

## 5. САМТҲОИ АСОСИИ АМАЛИСОЗИИ БАРНОМАВА НАТИҶАҲОИ ЧАШМДОШТ

36. Самтҳои асосии амалисозии Барнома:

- тақвияти бахшидани тадбирҳои байналмилалӣ ва густариш додани равобити дуҷониба ва бисёрҷонибаи байналмилалӣ, аз ҷумла дар сатҳи ниҳодӣ, васеъ намудани заминаҳои шартномавии ҳуқуқӣ, ҳамкорӣ бо давлатҳои дигар, созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ дар муқовимат ба экстремизм ва терроризм;

- вусъат додани ташаббусҳо оид ба ҷалб намудани таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ниҳодҳои минтақавӣ ба масъалаи баргардонидани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар хориҷи мамлакат бо зуҳуроти ифротгароӣ ва терроризм рӯ ба рӯ шудаанд;

- пешгирӣ намудани ташвиқоти экстремистӣ ва террористӣ;

- баланд бардоштани самарабахшии фаъолияти оперативӣ- ҷустуҷӯйӣ, мониторинги доимии захираҳои иттилоотӣ, аз ҷумла шабакаи Интернет, ҷорӣ намудани механизми самараноки ҳамкориҳои ташкилию амалӣ ва иттилоотӣ байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, дигар мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатие, ки ба экстремизм ва терроризм муқовимат менамоянд, хабардор намудани аҳолӣ аз фаъолияти ташкилотҳои экстремистию террористӣ, чораҳои муқовимат ба онҳо;

- ҷамъоварии иттилоот оид ба шахсон ва гурӯҳҳои ба фаъолияти экстремистию террористӣ ҷалбгашта, шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ва террористӣ;

- ташкили гурӯҳи машваратӣ оид ба барқарорсозӣ ва реинтегратсияи шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ё террористӣ;

- ҳамоҳангсозӣ ва мониторинги фаъолияти иҷрокунандагони Барнома ва андешидани тадбирҳои пешбинишуда дар ин самт;

- фаро гирифтан ба таҳсил, ҷалб намудан ба касбомӯзӣ, мусоидат ба гирифтани омодагии касбӣ ё малакаи иловагӣ ва баланд бардоштани маърифати шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ва террористӣ;

- мусоидат ба масъалаҳои вобаста ба манзил;

- расонидани кумаки равонӣ, иҷтимоӣ ва тиббӣ;

- расонидани ёрии ҳуқуқию машваратӣ, барқарор намудани ҳуҷҷатҳо, бо кор таъминкунӣ ва ғайра;

- беҳтарсозии муносибатҳои оилавӣ;

- баҳисобгирии ҷанбаҳои гендерӣ ва синнусолӣ дар самти реинтегратсия ва барқарорсозии шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ва террористӣ;

- ҳифзи иҷтимоӣ ва дастрасӣ ба кӯмакҳои муқарраршуда, аз ҷумла кумакҳои унвонии иҷтимоӣ;

- таъмини дастрасӣ ба имтиёзҳои қарзӣ, аз ҷумла барои занони бекор ва хонашин;

- ҳифзи ҳуқуқи кӯдак;

- иштирок дар чорабиниҳои варзишӣ ва фарҳангӣ;

- тақвияти бахшидани устувории ҷомеа дар пешорӯи экстремизм;

- кумаки иҷтимоӣ ба собиқ маҳкумшудагоне, ки барои содир намудани ҷиноятҳои экстремистӣ ва террористӣ аз адои минбаъдаи ҷазо озод шудаанд;

- густариши ҳамкорӣ бо нозироти корҳои ислоҳӣ;

- тақвияти бахшидани кор бо ҷавонон ва созмонҳои ҷавонон;

- тағйир додани афкори ҷомеа нисбат ба шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ва террористӣ.

## 6. МЕХАНИЗМИ АМАЛИСОЗИИ БАРНОМА

37. Барнома бо роҳи қабули нақшаҳои амал дар се марҳила дар солҳои 2024-2026, соли 2027 ва соли 2028 дар доираи маблағҳои пешбинишудаи вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, инчунин бо кумаку дастгириҳои созмонҳои байналмилалӣ ва дигар манбаъҳое, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, амалӣ мегардад.

38. Дар тамоми марҳилаҳои амалишавии Барнома тадбирҳои андешидашуда, таҳияи нақша ва ҳуҷҷатнигорӣ бояд талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» қатъиян риоя карда шавад.

39. Роҳандозӣ намудани тадбирҳои барномавӣ, дастгирӣ ва тадбирандешӣ дар самти барқарорсозӣ ва реинтегратсияи шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ва террористӣ бояд ба арзёбии маҷмӯӣ ва инфиродии хавфҳо ва эҳтиёҷот асос ёфта бошад.

40. Чораҳои андешидашаванда бояд бодиққат гузаронида шаванд, ки зимни он ангезаҳои шахсро ба экстремизм таҳрик накунанд, ҳамзамон барои тағйир додани мафкураи ӯ ва қатъ намудани ақидаи ифротии он ҳидояткунанда бошанд.

41. Дар ҳар як ҳолат андешидани тадбирҳо нисбати шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ва террористӣ бояд нисбат ба ҳар як шахс дар алоҳидагӣ, вобаста ба хусусиятҳои хоси гузаштаи ӯ амалӣ карда шавад. Дар ин ҳолат бояд ба синну сол, ҷинс, баромади иҷтимоӣ, саломатӣ, вазъияти рӯҳӣ, инчунин дигар омилҳое, ки метавонанд ба ҷаҳонбинии шахс таъсир расонанд, таваҷҷуҳи махсус дода шавад.

42. Истифода шудани қолабҳои умумӣ нисбати ҳамаи шахсони ба иҷрои Барнома ҷалбшуда номумкин буда, тадбирҳо бояд инфиродӣ тарҳрезӣ ва амалӣ шаванд.

43. Қарор дар бораи барқарорсозӣ ва реинтегратсия бояд дар ҳар як ҳолати мушаххас бо арзёбии амиқи ҳамаҷонибаи касбӣ ва объективии ҳар як шахс, мулоҳизаҳои хос, синну сол ва ҷинс, инчунин хулосаи намояндаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ асос ёфта бошад.

44. Амалишавии тадбирҳо нисбати шахси дорои гузаштаи экстремистӣ ва террористӣ бояд аз ҷамъоварии иттилоот аз манбаъҳои ҳаддалимкон дастрас, маълумот ва хулосаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оғоз карда шавад.

45. Баъди анҷом додани арзёбии маҷмуии хавфҳо ва эҳтиёҷот гурӯҳҳои машваратӣ дар якҷоягӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи дар маҳал фаъолияткунанда нақшаи инфиродии барқарорсозӣ ва реинтегратсияи шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ва террористиро таҳия менамоянд.

46. Иҷрокунандагони Барнома дар мувофиқа бо мақомоти дахлдори кишвар бо мақсади расидан ба ҳадафҳои муайяншуда дар самти барқарорсозӣ ва реинтегратсияи шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ва террористӣ, ҷиҳати такмил додани заминаҳои ҳуқуқӣ, шартномавӣ- ҳуқуқӣ, баланд бардоштани тахассус ва донишҳои назариявии масъулин, инчунин вусъат бахшидани ташаббусҳо, ҷалб намудани диққати ҷомеаи шаҳрвандӣ ба масъалаи мазкур бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва созмонҳои байналмилалӣ ҳамкории мутақобилан судмандро бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ роҳандозӣ менамоянд.

## 7. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ШАХСОНИ ДОРОИ ГУЗАШТАИ ЭКСТРЕМИСТӢ ВА ТЕРРОРИСТИДОШТА

47. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сохторҳои давлатӣ рӯйхати шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ва террористӣ, аъзои оилаи онҳо ва толибилмони дар хориҷи кишвар таҳсилоти ғайрирасмии динӣ гирифтаро тартиб дода, дар заминаи мубодилаи маълумот бо ин шахсон корбарӣ менамоянд. Мубодилаи маълумот оид ба чунин шахсон, дар байни субъектони Барнома бо риояи низоми махфият ба роҳ монда мешавад.

48. Маркази ягонаи иттилоотӣ оид ба пешгирии экстремизм, терроризм ва киберҷиноятҳои Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъоварӣ, таҳлил ва арзёбии умумии маълумотро дар бораи шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ва террористӣ, аъзои оилаи онҳо ва толибилмони дар хориҷи кишвар таҳсилоти ғайрирасмии динӣ гирифтаро ба роҳ монда, махзани ягонаи маълумоти чунин шахсонро пеш мебарад. Дар ин замина, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқарраршуда бо мақсади амалисозии Барномаи мазкур ҳамкорӣ ва мубодилаи маълумотро бо мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва созмонҳои байналмилалӣ амалӣ месозад.

## 8. ТАШКИЛИ ГУРӮҲИ МАШВАРАТӢ ОИД БА БАРҚАРОРСОЗӢ ВА РЕИНТЕГРАТСИЯИ ШАХСОНИ ДОРОИ ГУЗАШТАИ ЭКСТРЕМИСТӢ ВА ТЕРРОРИСТӢ

49. Гурӯҳи машваратӣ оид ба барқарорсозӣ ва реинтегратсияи шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ва террористӣ (минбаъд - гурӯҳи машваратӣ) сохтори машваратӣ дар назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ маҳсуб ёфта, фаъолияти он ба тақвияти ҳамкориҳои мақомоти давлатӣ, худидоракунии шаҳраку деҳот ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар татбиқи Барнома равона шудааст.

50. Гурӯҳи машваратӣ дар сатҳи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ, аз ҳисоби намояндагони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқ, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, намояндагони занон, ҷавонон, фаъолони ҷомеа, омӯзгорон, ходимони дин, кормандони иҷтимоӣ, нозирони корҳои ислоҳии Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар минтақа), намояндагони воситаи ахбори омма, инчунин дигар шахсони масъул бо қарори раиси вилоят, ноҳия (шаҳр) таъсис дода мешавад.

51. Шумораи аъзои гурӯҳи машваратӣ бо дар назар доштани мақсадҳо ва вазифаҳои гузошташуда бо қарори раиси вилоят, ноҳия (шаҳр) дар бораи таъсиси гурӯҳи машваратӣ муайян карда мешавад.

52. Роҳбарии гурӯҳи машваратиро намояндаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар мақоми на пасттар аз муовини раис, ки номзадии ӯ бо қарори раиси вилоят, ноҳия (шаҳр) тасдиқ карда мешавад, амалӣ менамояд. Гурӯҳи машваратии ноҳия (шаҳр) дар мувофиқа бо раисони ноҳия (шаҳр) дар назди гурӯҳҳои машваратии ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе ҳисоботдиҳанда мебошанд. Дар навбати худ гурӯҳҳои машваратӣ дар мувофиқа бо раисони ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо ба Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсола ҳисобот манзур менамоянд.

53. Ҳадаф аз таъсиси гурӯҳи машваратӣ ин таъмини иҷрои саривақтӣ ва босифати Барномаи мазкур, ҷалб ва ҳамоҳангсозии имкониятҳои ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва созмонҳои байналмилалӣ, инчунин ташаббусҳои шахсони саховатпеша ва дигар манбаъҳои молиявие, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, мебошад.

54. Фаъолияти гурӯҳи машваратӣ тибқи Низомнома, ки аз ҷониби раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо тасдиқ карда мешавад, инчунин Барномаи мазкур ва нақшаи амал оид ба иҷрои он ба роҳ монда мешавад.

## 9. МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБИИ БАРНОМА

55. Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии идоракунии раванди амалисозии Барномаи мазкур ва беҳтар намудани фаъолияти вазорату идораҳои масъул оид ба иҷрои нақшаҳои амали он, инчунин сари вақт муайян намудани номутобиқатии онҳо ва ҳалли мушкилоти зимни амалисозии Барнома ошкоргардида мониторинги амалисозии Барнома ва нақшаҳои амали он аз ҷониби Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

56. Мониторинг ва арзёбии Барнома тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми декабри соли 2018, № 615 «Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани мониторинг ва арзёбии амалишавии ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» гузаронида мешавад.

## 10. МАБЛАҒГУЗОРИИ БАРНОМА

57. Барнома тавассути таҳияи нақшаҳои амал оид ба амалисозии он, ки ҷузъи ҷудонашавандаи Барнома буда, тибқи он дар 3 марҳила - барои солҳои 2024-2026, соли 2027 ва соли 2028 пас аз тасдиқ гардидан бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар доираи маблағҳои пешбинишудаи вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, инчунин кумаку дастгириҳои созмонҳои байналмилалӣ ва дигар манбаъҳое, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, амалӣ карда мешавад.

58. Ҳаҷми умумии маблағгузории амалишавии Барнома дар панҷ соли оянда аз рӯйи ҳисоби пешакӣ 84542600 (ҳаштоду чор миллиону панҷсаду чилу ду ҳазору шашсад) сомонӣ буда, он аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 27562600 (бисту ҳафт миллиону панҷсаду шасту ду ҳазору шашсад) сомонӣ ва манбаъҳои ғайрибуҷетӣ 56980 000 (панҷоҳу шаш миллиону нуҳсаду ҳаштод ҳазор) сомони ташаккул меёбад. Инчунин дар се соли оянда (2024-2026) ҳаҷми умумии маблағгузории амалишавии Барнома 45390600 (чилу панҷ миллиону сесаду навад ҳазору шашсад) сомонӣ, аз ҷумла ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 16820600 (шонздаҳ миллиону ҳашсаду бист ҳазору шашсад) сомонӣ ва манбаъҳои ғайрибуҷетӣ 28570000 (бисту ҳашт миллиону панҷсаду ҳафтод ҳазор) сомонӣ пешбинӣ шудааст.

## 11. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

59. Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ниҳоди масъул ва ҳамоҳангсоз якҷо бо Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти давлатии масъули дигар амалисозии Барномаро таъмин менамоянд.

60. Вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ якҷо бо ташкилотҳои дигари масъули иҷрои Барнома бо мақсади ҷалби кумаки техникӣ ва маблағгузории иловагӣ ҷиҳати амалигардонии Барнома ва нақшаҳои амали он, бо шарикони рушд ҳамкориро ба роҳ мемонад.

61. Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаҳои марҳилавӣ ва рафти иҷрои Барномаро арзёбӣ намуда, аз натиҷаи он ҳар сол ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот манзур менамояд.

62. Таъмини иҷрои муқаррароти Барнома ба зиммаи субъектони татбиқкунандаи Барнома вогузор карда мешавад.

Замимаи 2

ба қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 1 июни соли 2024, № 339

## Нақшаи амали солҳои 2024-2026 ҷиҳати амалисозии Барномаи барқарорсозӣ ва реинтегратсияи шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ё террористӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2028

| № р/т | Номгӯйи чорабинӣ | Мӯҳлати иҷро | Нишондиҳандаҳои натиҷаҳои чашмдошт ва ниҳоӣ | Харочоти молиявӣ (ҳазор сомонӣ) | | | | | | Иҷрокунандагони масъул |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Соли 2024 | | Соли 2025 | | Соли 2026 | | |
| | | | | Буҷети давлатӣ | Маблағҳои ғайрибуҷетӣ | Буҷети давлатӣ | Маблағҳои ғайрибуҷетӣ | Буҷети давлатӣ | Маблағҳои ғайрибуҷетӣ | |
| 1 | Тақвият бахшидани корҳо дар самти огоҳмандии субъектҳои бевосита иҷрокунандаи Барнома аз мақсад, вазифаҳои асосӣ ва самтҳои татбиқи Барнома | 2024 | Шахсони масъули иҷрокунандагони Барнома дар низоми субъектҳои бевосита иҷрокунандаи Барнома дар сатҳи ҷумҳуривӣ муайян гардида, робитаҳои муосир оид ба ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолият бо ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардиданд | 00,0 | 80,0 | 00,0 | 100,0 | 00,0 | 160,0 | ВКД, ПГ, КДАМ, ВА, СРИҶҶ, ВТҲИА, ВМИ, ВММША, ВМ, ВФ, ВКХ, ККЗО, КДТАҶМ, КҶВ, КТР, АМИТ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| 2 | Дар сатҳи ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия таъсис додани гурӯҳи машваратӣ оид ба барқарорсозӣ ва реинтегратсияи шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ё террористӣ.<br>Мунтазам пешниҳод намудани маълумот ба ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2024<br>ҳар шаш-моҳа | Бо қарорҳои дахлдор дар ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо гурӯҳҳои машваратӣ оид ба барқарорсозӣ ва реинтегратсияи шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ё террористӣ ташкил карда шуда, нақшаҳои кории онҳо тасдиқ шудаанд.<br>Ҳисоботҳо оид ба фаъолияти гурӯҳҳои корӣ ба ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуданд | 00,0 | 00,0 | 00,0 | 00,0 | 00,0 | 00,0 | ВКД, ПГ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия |
| 3 | Бо риояи реҷаи дахлдор таҳия ва пешбурди рӯйхати шахсони | Мун-тазам | 1. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ВКХ, КДТАҶМ, С Р ИҶҶ рӯйхати шахсони | | | | | | | ВКД, ПГ, КДАМ, СРИҶҶ, мақомоти иҷроияи |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | дорои гузаштаи экстремистӣ ва террористӣ | | дорои гузаштаи экстремистӣ ва террористӣ, аъзои оилаи онҳо ва толибилмони дар хориҷи кишвар таҳсилоти ғайрирасмии дини гирифтаро тартиб дода, дар заминаи мубодилаи маълумот бо ин шахсон корбарӣ менамоянд<br>2. СРИҶҶ ВА рӯйхати маҳкумшудагоне, ки бо анҷомёбии мӯҳлати адои ҷазо ба озодӣ баромадаанд тартиб дода, дар доираи Барномаи алоҳида вобаста ба маҳкумшудагоне, ки дар задухӯрдҳои мусаллаҳонаи давлатҳои хориҷӣ иштирок кардаанд, корбарӣ менамояд.<br>3. Мубодилаи маълумот оид ба чунин шахсон, дар байни субектони Барнома бо риояи низоми махфият, ба роҳ монда мешавад.<br>4. Маркази ягонаи иттилоотӣ оид ба пешгирии экстремизм, терроризм ва киберҷиноятҳои ПГ ҶТ ҷамъоварӣ, таҳлил ва арзёбии умумии маълумотро дар бораи шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ва террористӣ, аъзои оилаи онҳо ва толибилмони дар хориҷи кишвар таҳсилоти ғайрирасмии динӣ гирифтаро ба роҳ монда, махзани ягонаи маълумоти чунин шахсонро пеш мебарад | 00,0 | 00,0 | 00,0 | 00,0 | 00,0 | 00,0 | маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| 4 | Вусъат бахшидани корҳо оид ба мусоидат ба татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба барқарорсозӣ ва реинтегратсияи шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ё террористӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2024 мун-тазам | Барномаҳои идоравӣ ва минтақавӣ доир ба баланд бардоштани касбияти кормандон оид ба барқарорсозӣ ва реинтегратсияи шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ё террористӣ таҳия ва чорабиниҳои мақсаднок роҳандозӣ мешаванд.<br>Ҳамкории ниҳодҳои давлатии масъул, аз ҷумла бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ ба роҳ монда шудааст.<br>Машғулиятҳои омӯзишӣ, семинар-машваратҳо ва дигар тадбирҳое, ки ба | 00,0 | 100,0 | 00,0 | 160,0 | 00,0 | 200,0 | ВКД, ҚДАМ, ПГ, ВА, СРИҶҶ, ВТҲИА, ВМИ, ВММША,ВМ, ВФ, ВКХ, АМИТ, ККЗО, ҚДТАҶМ, КҶВ, КТР, МТС, МИ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | баланд бардоштани тахассуси кормандон равона шудаанд, амалӣ шудаанд | | | | | | | | |
| 5 | Ба руйхат гирифтани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки гузаштаи террористӣ ё экстремистӣ дар хориҷи мамалакат доранд | 2024-2026 | Тибқи талаботи қонунгузорӣ ва муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ руйхати шаҳрвандони ба Ватан баргардонидашаванда тартиб дода мешавад | 240,0 | 00,0 | 240,0 | 00,0 | 240,0 | 00,0 | ВКХ, ҚДАМ, ВКД, ВН, ПГ ва дигар ВИ дар ҳамкорӣ бо ШР |
| 6 | Ба Ватан баргар-донидани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз хориҷи мамлакат | 2024-2026 | Дар асоси руйхатҳои тартибдодашуда бо хатсайрҳои чартерӣ ҳамлу нақли шаҳрвандон ба Ватан амалӣ карда мешавад | 3 894,0 | 00,0 | 3 894,0 | 00,0 | 3 894,0 | 00,0 | ВКХ, ҚДАМ, ВКД, ВН, ПГ, ВМо ва дигар ВИ дар ҳамкорӣ бо ШР |
| 7. | Муайян намудани муассисаҳои дахлдор барои ҷойгир намудани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз минтақаҳои амалиётҳои ҷангӣ ба Ватан баргардонида шуданд ва ҷойгиркунонии | 2024-2026 | Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаи дахлдор, ки дорои шароитҳои мусоид мебошад, барои ҷойгир намудани шаҳрвандони аз минтақаҳои амалиётҳои ҷангӣ ба Ватан баргардонидашуда муайян гардида, ҷойгиркунонии | 00,0 | 00,0 | 00,0 | 00,0 | 00,0 | 00,0 | ҲҶТ |